# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофиддин дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) Душанбе, 2026.**

Омӯзиш ва таҳқиқоти тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон дар Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва оила афзуд. Бо вуҷуди ин, то ҳол таҳқиқоти системавӣ оид ба робитаи муассир миёни мактаб, оила ва муҳити иҷтимоӣ дорад. Зеро қисматҳои гуногуни санъат, аз ҷумла мусиқӣ, яке аз унсурҳои муҳими таъмини рушди ҳамаҷонибаи шахсият мебошад. Зеро мусиқӣ дар лаҳзаҳои мухталифи зиндагӣ ҳамраҳи инсон буда, ба ӯ рӯҳия мебахшад, дармони ғамҳост ва ангезандаи нерӯи ботинии ӯ мебошад.

Аз ин лиҳоз рисолаи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофиддин дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон» аз зумраи чунин таҳқиқотҳо ба шумор меравад. Дар автореферат мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект, мавзуи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқатии диссертатсия ба шиносномаи илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия дуруст нишон дода шудааст.

Бояд қайд намуд, ки мавзуи таҳқиқотӣ дар таърихнигории ватанӣ то ҳанӯз мавриди пажуҳиш қарор нагирифта буд. Бо назардошти ин, мақсади асосии таҳқиқоти муаллифи диссертатсия аз он иборат аст, ки тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон дар тарбияи педагоги ва фарҳангии насли наврас аз назари илмӣ муайян намояд. Зимни таҳқиқот воқеан муаллиф тавонистааст, ки мавзуи мазкурро дар асоси манбаъҳои муътамади таърихӣ омӯзад ва ба мақсади дар пешгузошта бирасад. Ҳамзамон бояд ба инобат гирифт, ки муаллифи диссертатсия

Се боби диссертатсия дар автореферат дуруст тахдил ва ифода ёфтааст. Боби якуми диссертатсия «Тарбияи эстетикӣ самти афзалиятноки таҳсилоти мусиқӣ» ном дошта, он аз 2 зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур Раванди ташаккули таҳсилоти мусиқӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият ва Аҳамияти таҳқиқоти назариявӣ ва методӣ дар ташаккули арзишҳои мусиқӣ-эстетикӣ баррасӣ шудааст.

Дар боби дуюм, ки «Унсурҳои муҳими раванди таълим ва тарбия» унвон дорад, аслан масъалаҳои Муҳити таълимии мактабӣ: нақши омӯзгори мусиқӣ дар рушди фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ ва Аҳамияти таҳқиқоти назариявӣ ва методӣ дар ташаккули арзишҳои мусиқӣ-эстетикӣ баррасӣ шудааст.

Боби сеюми диссертатсия бошад «Ҳамкории мактаб ва оила ҳамчун асоси ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагон» номгузори шуда ба ду зербоб ҷудо шудааст. Дар ин боб бештар масъалаҳои Шаклҳо ва методҳои муассири ҳамкории мактаб ва оила ва Татбиқи таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаҳои пажӯҳиш таҳлил гардидааст. Аз ҷумла, муйян карда шудааст, ки дар шароити ҳозира, дар муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ дарсҳои суруд ва мусиқӣ яке аз базаҳои асосии васеъ паҳн намудани фарҳанги мусиқӣ буда, вазифаи он мусиқиро на танҳо хоси хонандагон боистеъдод ташаккул диҳанд, балки онро касби худ интихоб кунанд, дар ҷараёни таҳсил барои дар хонандагон ташаккул додани дарки баланди эстетикии асарҳои мусиқии миллӣ дар арзишҳои умумиҷаҳонии фарҳангӣ мусоидат мекунад.

Диссертант иброз менамояд, ки фанни педагогика тарбияи мусиқӣ - эстетикиро ҳамчун раванди систематикӣ ба ҳисоб мегирад, ки дар он дарки санъат, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва ҳассосияти эмотсионалии кӯдак ташаккул меёбад.

Ба таъминоти педагогии оила дар марҳилаҳои ба дарсҳои мусиқӣ тайёр кардани хонанда ва ба шароити мактаб мутобиқ намудани хонанда диққати махсус дода мешавад. Ҳамкории психологию педагогии волидони хонандагон ҳамчун раванде маънидод карда мешавад, ки ба волидон дар қабули қарорҳо дар ҳолатҳои душвори интихоби ҳаёт, фароҳам овардани шароит барои ташаккули малакаҳои қабули қарорҳои оптималӣ дар ҳолатҳои гуногун мусоидат мекунад. (рисола .с 140)

Дар хулоса пешниҳоду тавсияҳои муаллиф қайд гардидааст, ки дарсхои суруд ва мусиқӣ дар тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ, ташаккули завқи бадей ва ҷаҳонбинии эҷодии хонандагон дар ҳалли амалии масъалаи ташаккули шахсияти баркамол инкишофёфта таъсири калон мерасонад. Дар шароити ҳозира дар муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ, дарсҳои суруд ва мусиқӣ яке аз базаҳои асосии васеъ паҳн намудани маданият

мусиқӣ буда, вазифаи он мусиқиро на танҳо хоси хонандагон боистеъдод ташаккул диҳанд, балки онро касби худ интихоб кунанд.

Автореферат, ки аслан бо забони тоҷикист тарҷумаи он бо русӣ низ илман дуруст тарҷума ва ҷобаҷо шудааст. Дар маҷмуъ, ба автореферати диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофиддин дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) ба ҳама меъёрҳои муқарраршудаи илмӣ ҷавобгӯй мебошад.

**Муқарриз:**

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи забон ва
фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Хоҷаев Қ.Т.

Имзои Қ.Т. Хоҷаевро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Ҷураев Ш.

20.01.2026